*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №8, синф. 102)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҷамолиддинов Сухроб Рустамҷонович дар мавзӯи «Асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.1 – Назарияи иқтисодӣ**

Дар шароити ташаккул ва рушди иқтисоди бозорӣ масъалаи таъмини муҳити рақобатии бозорҳои соҳавии иқтисодиёти миллӣ аҳамияти хосса пайдо менамояд. Рақобат ҳамчун унсури асосии механизми бозорӣ ба баланд гардидани дараҷаи самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, беҳтар шудани сифати молу хизматрасониҳо ва инчунин истифодаи оқилонаи захираҳо мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, таҳқиқи асосҳои рақобат дар бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Мавзӯи интихобнамудаи диссертант ба омӯзиши масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташаккул ва рушди муносибатҳои рақобатӣ дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ бахшида шудааст. Дар автореферат моҳияти рақобат, омилҳои таъсиррасон ба рушди он, хусусиятҳои бозори молҳои истеъмолӣ ва самтҳои баланд бардоштани рақобатпазирии субъектҳои бозор мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Ҷиҳати мусбати таҳқиқот дар истифодаи муносибати системавӣ ба омӯзиши рақобат ифода меёбад. Муаллиф рақобатро на танҳо ҳамчун муносибати байни субъектҳои алоҳида, балки ҳамчун ҷузъи муҳими низоми бозорӣ баррасӣ намуда, робитаи онро бо самаранокии бозор ва рушди иқтисоди миллӣ асоснок кардааст.

Арзиши назариявии кор дар ҷамъбаст ва низомбандии равишҳои илмӣ ба мафҳуми рақобат, таҳлили марҳилаҳои ташаккули назарияи рақобат ва муайян намудани хусусиятҳои он дар шароити иқтисодиёти миллӣ зоҳир мегардад. Ҳамзамон, муаллиф омилҳои боздоранда ва мусоидаткунандаи рушди рақобатро муайян намуда, мушкилоти бозори молҳои истеъмолиро аз рӯйи ҷанбаҳои институтсионалӣ, соҳавӣ ва инфрасохторӣ гурӯҳбандӣ кардааст.

Ҷанбаи амалии таҳқиқот дар таҳлили нишондиҳандаҳои рушди бозори молҳои истеъмолӣ ва минтақаҳои кишвар, инчунин дар таҳияи самтҳои такмили муҳити рақобатӣ ифода меёбад. Муаллиф ба масъалаи ташаккули стратегияҳои рақобатӣ ва истифодаи имкониятҳои инноватсионӣ низ таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир намудааст.

Дар баробари арзёбии мусбати таҳқиқот, ба назари мо, баъзе масъалаҳо метавонистанд боз ҳам муфассалтар инъикос шаванд:

Якум, таъсири равандҳои рақамикунонии иқтисодиёт ба ташаккули муҳити рақобатӣ ва рушди бозори молҳои истеъмолӣ метавонист амиқтар таҳлил карда шавад.

Дуюм, барои арзёбии ҳамаҷонибаи вазъи рақобатӣ истифодаи маҷмуи васеътари нишондиҳандаҳои муқоисавӣ ва меъёрҳои баҳодиҳии рақобатпазирии бозори молҳои истеъмолӣ мувофиқи мақсад мебуд.

Қобили қайд аст, ки камбудии пешниҳодгардида хислати ҷузъӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии таҳқиқоти диссертатсиониро тағйир намедиҳад.

Автореферати диссертатсия аз он гувоҳӣ медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур анҷомёфта буда, дар он хусусиятҳои навгонӣ мушоҳида мешавад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи Ҷамолиддинов Сухроб Рустамҷонович дар мавзӯи «Асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Мазмун ва натиҷаҳои таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 5.2.1 – Назарияи иқтисодӣ мувофиқат намуда, мақсаду вазифаҳои гузошташуда мантиқан пайгирӣ гардидаанд. Ба талаботҳои "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ба пуррагӣ ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.1 – Назарияи иқтисодӣ мебошад.

**Муқарриз:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**муовини ректор оид ба робитаҳои**
**байналмилалии Донишгоҳи давлатии**
**ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ризозода Тӯра Раббим**

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд,
17-мкр-н, хонаи 1. Телефон: (+992) 3422 23594 E-mail: t_rizokulov@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Ризозода Т.Р.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДҲБСТ Бобоев А.Х.

«24» 08 соли 2026